***УДК 32С***
***ББК 63.3(543.0)64.***
***А50***

***Б.Ҳ. АЛИМОВ***

# САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Дар таъини самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва афзалиятҳо дар он ба назар гирифтани махсусиятҳои мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр муҳим аст. Дар дунё имрӯз кишваре нест, ки танхо ва бидуни муносибат бо кишварҳои дигар арзи ҳастӣ намояд. Ҷумҳурии Точикистон низ истисно намебошад. Аз рӯи ин гуфта агар Тоҷикистонро дар маркази доирае қарор диҳем, давродаври онро се ҳалқаи давлатҳо печонидаанд.

Ҳалқаи аввал - ҳалқаи давлатҳои ҳамсояи наздик ва ҳаммарзи он, хосса Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Қирғизистон буда, ҳалқаи дувум аз давлатҳои ба истилоҳ «ҳамсояи девордармиён», аз қабили Ҷумҳурии исломии Покистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон иборат мебошад. Ва ниҳоят ҳалқаи охиринро кишварҳои манфиатдоре, мисли Федератсияи Русия, Ҷумҳурияти Туркия, ИМА, Арабистони Саудӣ ва ғ. ташкил медиҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавқеи муҳими Авруосиё, ки Осиёи Марказиро бо нимҷазираи Ҳинду Чин мепайвандад, ҷойгир аст ва дар равандҳои ҷаҳонии сатҳҳои минтақавию байналмилалӣ иштироки фаъол дорад. Вале ин ширкати фаъолонаи мо ва ба арсаи ҷаҳонӣ баромадани Тоҷикистон ба осонӣ ба даст наомадааст.

Сардори давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии хеш дар Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Чумҳурии Тоҷикистои дар таърихи 28 декабри соли 1993 зимни зарурати танзими консепсияи сиёсати хориҷии кишвар таъкид намуда буд, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи мавқеи ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш ба 5 ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад [1, с. 100-101].

Ҳавзаи якум Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст, ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш ба сӯи таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоили ботинӣ дорад.

Ҳавзаи дуввум Осиёи Марказист, ки кунун рӯ ба ваҳдати иқтисодию сиёсӣ овардааст.

Ҳавзаи саввум фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ҳанӯз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасида бошанд ҳам, онҳоро нафақат ҳамбастагии таърихӣ ва мазҳабию фарҳангӣ, балки дурнамои воқеии рушди миллӣ бо ҳам ҷазб мекунанд. Ҳавзаи чахорум доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро на фақат ягонагии дину ойин

ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайванданд.

Ниҳоят, ҳавзаи панҷум ҷомеаи байналмилалист, ки ҷамъбастагии зоҳирию ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯи тамаддуни воҳиди умумибашарӣ роҳ мепаймояд» [2, с.69-70].

Дар маркази доираи диққати кишварҳо ва минтақаҳои номбаршуда қарор гирифтан Точикистон се омили асосӣ дорад: иқтисодӣ, низомӣ ва сиёсӣ. Диққати он кишварҳоро, пеш аз ҳама, сарватҳои зеризаминӣ ва рӯизаминии Тоҷикистон – тилло, нукра, пахта, арзиз, мис, оҳан, уран, ҳамчунин мавқеи стратегии он ва равандҳои сиёсию иҷтимоие, ки солҳои охир дар сарзамини мо ба вуҷуд омадаанд, ба худ ҷалб намудааст. Илова бар ин Тоҷикистон барои бисёрии ин кишварҳо бозори муносибу мувофиқи фурӯши молҳояшон мебошад. Махсусан, барои он кишварҳое, ки молҳояшон дар бозори ҷаҳонӣ ба рақобати сахти кишварҳои ғарбӣ ва давлатҳои пешрафтаи шарқӣ рӯбарӯст. Аз ин сабаб ҳамаи онҳо кӯшиш доранд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нуфуз дошта бошанд, то хостаҳои сиёсию иқтисодӣ ва низомиашонро бароварда созанд.

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар шароити муосир хусусияти прагматикиро дорост, ки он имконият медиҳад бо давлатҳои ҷаҳон бештар муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро ба роҳ монад. Дар муносибат бо давлатҳои ҳамсарҳад ва давлатҳои сохти демократӣ дошта Тоҷикистон сиёсати дӯстӣ, дахолат накардан ба сиёсати дохилии дигар давлатҳо , ҳал намудани масъалаҳо бо роҳи осоиштаро пурра ҷонибдорӣ менамояд.

Вобаста ба сиёсати хирадмандонаи сарвари Тоҷикистон дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ андешаҳои якчанд сарони давлатҳои дунё маълум аст, ки чанде аз онҳоро зикр менамоем.Чунончӣ, сарвазири Федератсияи Россия Д. Медведев зикр намудааст, ки Тоҷикистон тайи бист соли гузашта муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда, обрӯи худро дар арсаи ҷаҳон баланд бардоштааст. Президенти Амрико Барак Обама зикр намудааст, ки ИМА бо Ҳукумати Тоҷикистон ва халқи он барои ҳамкории қавӣ дар роҳи сулҳу дӯстӣ кор мекунад. Мо имконияти таҳким бахшидани равобити дуҷонибаю минтақавии иқтисодӣ ва ҳифз аз хавфу таҳдиди терроризмро қадр мекунем.Иёлоти Муттаҳида ба манзури рушди ҷомеаи бехатар , шукуфон ва демократӣ ба ҳамкории худ бо Тоҷикистон содиқ мемонад [6].

Азбаски кишварҳои гуногун нисбати Ҷумҳурии Тоҷикистон хостаҳои гуногун, манфиатҳои гуногун доранд ва аксар хостаҳои онҳо бо хостаҳо ва манфиатҳои давлатҳои дигар дар тазод мебошад, байни ин кишварҳо рақобате вуҷуд дорад. Ва ин рақобати онҳо ба вазъи Тоҷикистон бе таъсир нахоҳад буд. Чунончӣ, Покистон ва Эрон хоҳони онанд, ки дар Афғонистон ҳукумате дар сари қудрат бошад, ки бо истифода аз он манфиатҳояшонро на танҳо дар худи он мамлакат, балки дар Точикистон низ ҳарчӣ тамомтар бароварда созанд.

Барои ҳамин хам ба ин ва ё он нерӯи сиёсию низомӣ ва қавмию миллии дар Афғонистон буда таваҷҷӯҳ доранд. Дар навбати худ ба Покистон, Эрон ва Афғонистон кишварҳои дигари дунё, ба тври мушаххас ИМА ва баъзе аз давлатҳои араб умед мебананд, то манфиатҳои хешро аз тариқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз намоянд.

Дар чунин вазъият роҳи дуруст ва савоб барои Ҷумҳурии Тоҷикистон он аст, ки дар ин ҳалқаҳои пурпечутоби муносибат бо кишварҳои дигар истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва низомии хешро ҳифз намояд ва бо ҳамаи он кишварҳо муносибати ҳасана дошта бошад. Дар акси ҳол, худро ба сифати давлати мустақил гум хоҳад кард ва ҳайсияти хешро аз даст хоҳад дод. Ҳамкориҳои густурда ва мутақобилан судманд бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ – Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Ҳамкории Исломӣ, Иттиҳоди Иқтисодии АвроОсиё, Созмони Ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Аврупо ва, албатта, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил – аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳангоми муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва афзалиятҳои он Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳо ва манфиатҳои миллии худ такя мекунад. Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар марҳалаи ҳозира ва дар дурнамои наздик ба қарори зайл аст:

Афзалиятҳо дар сиёсати хориҷӣ доимӣ ва бетағйир буда наметавонанд, онҳо ба сатҳ ва мӯҳтавои муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ва ё он кишвар, фазои умумии сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии минтақа ва ҷаҳон айният доранд.

Мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таркиби қавмию миллии он сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии он пеш бурдани сиёсати хориҷии фаъол, амалигаро ва мутавозину мутаносибро тақозо мекунад. Барори сиёсати хориҷии ин ва ё он кишвар вобаста ба риояи таносуби ҳадафҳои миллӣ ва имкониятҳои воқеии он мамлакат мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии «дарҳои кушода»-ро пайгирона дар амал татбиқ намуда, эҷоди воситаҳои самарабахши ба ҳам овардани манфиатҳои миллӣ ва кӯшишҳои байналмилалӣ, муттаҳид намудани саъю талошҳои ҳамаи давлатҳоро барои омода намудани аксуламали муносиб дар баробари таҳдид ва хатарҳои замони муосир имконпазир мешуморад.

Чунин бардошт дар доираи равандҳои ҳаёти ягонаи байналмилалӣ фароҳам сохтани имкониятҳои баробар, низоми амниятии фарогир ва мақоми сазовори ҳамаи кишварҳо ва халқҳоро сарфи назар аз вусъат, нақш ва мартабаи онҳо дар тақсимоти геополитикии нерӯҳо таъмин менамояд. Тоҷикистон, ки бо сабаби мавқеи ҷуғрофии худ дар меҳвари манфиатҳои геополитикии нерӯҳои муқтадири олам қарор гирифтааст, дар шароити мавҷуда ва дар ояндаи наздик ният дорад сиёсати ҳадафмандонаро пеш бурда, минбаъд низ стратегияи ҳамкориҳои бисёрҷонибаро дунбол намояд.

Ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат, тавре зикр шуд, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои олии кишвар бояд аз фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори гуногунарсаи мамлакат, инкишофи минбаъдаи Тоҷикистон ба ҳайси давлати соҳибистиқлолу соҳибихтиёр, дарёфти ризоият ва манфиатҳои мутақобила бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ҷараёни ҳалли вазифаҳое иборат бошанд, ки онҳоро афзалиятҳои сиёсати хориҷии давлатамон муайян мекунанд.

Мавқеи геополитикии Тоҷикистон, имкониятҳои табииву демографии он, инчунин сатҳи тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии кишварамон пеш бурдани сиёсати хориҷии фаъол, воқеъбинона ва сиёсати дарҳои кушодро мунтазам амалӣ мегардонад. Дар баробари ин, таъкид бояд сохт, ки муваффақияти сиёсати хориҷӣ аз бисёр ҷиҳат ба тавозуни байни ҳадафҳо ва имкониятҳои татбиқи онҳо вобаста мебошад.

Вазифаи муҳимтарини сиёсати хориҷӣ эҷоди камарбанди эътимоду амният дар тамоми тӯли сарҳади кишвар аз тариқи рушд ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор мебошад.

Бо ин мақсад Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байнидавлатӣ бо кишварҳои ҳаммарз ва минтақа сиёсати дӯстӣ, ҳамсоягии нек, мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигарро пеш мебарад ва дар ҳалли масоили баҳснок, аз ҷумла масъалаҳои сарҳадӣ ва обу энергетика, ба воситаи ҳалли осоиштаи онҳо, яъне музокироту гуфтушунид, афзалияти комил медиҳад.

Мо, минбаъд низ ҷиҳати танзими авзои низоъбарангез ибтикороти сулҳхоҳона нишон дода, дар ҳаллу фасли осоиштаи онҳо иштирок хоҳем кард. Роҳбарияти давлати Тоҷикистон ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад ва ин бардоштро дар амалияи сиёсии худ дар тӯли бист соли охир борҳо намоиш додааст.

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати хориҷӣ, мавқеи геополитикӣ, сиёсати дарҳои кушод, муносибатҳои минтақавӣ ва байнидавлатӣ,манфиатҳои миллӣ,муваффақиятҳои сиёсати хориҷӣ.*

***Пайнавишт:***

1. *Сайидзода, З.,Саидов, Ф. Сиёсати давлатии Президент Эмомалӣ Раҳмон ва рушди устувори Тоҷикистон / З. Сайидзода, Ф. Саидов. - Душанбе: Контраст, 2012. -162с.*
2. *Ризоев, Б.М, Акмалова, М.А. Внешняя политика суверенного Таджикистана / Б.М. Ризоев, М.А. Акмалова. – Худжанд: Ношир, 2008.-223 с.*
3. *Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. (зери таҳрири Ҳамрохон Зарифӣ)– Душанбе: Ирфон, 2011. -319 с.*
4. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20-уми апрели соли 2013. –Душанбе: Шарқи Озод, 2013. - 62с.*

6. *Стандарт ва сифат. -№ 5,-Душанбе: Орбита, сентябр-октябри соли 2011.- 29с.*

***Reference Literature***

1. *Sayidzoda S., Saidov F. State Policy of Emomali Rakhmon and Stable Development of Tajikistan. – Dushanbe: Contrast, 2012. -162pp.*
2. *Rizoyev B.M., Akmalova M.A. Foreign Policy of Sovereign Tajikistan. –Khudjand: Noshir,2008. -223pp.*
3. *Foreign Policy of Tajikistan (under the editorship of Khamrokhon Zarifi) - Dushanbe: Irfon,2011. -319pp.*

4. *Message of Tajikistan Republic President Emomali Rakhmon to Madjlisi Oli (the Tajik parliament) from April 20. 2003. – Dushanbe: Freedom of the Orient, 2013. – 62 pp.*
5. *Standard and Quality. -№5. –Dushanbe:Orbit, September-October 2011. -29pp.*

**_Основные направления внешней политики Республики Таджикистан на современном этапе_**

***Ключевые слова:*** *внешняя политика, геополитический статус, политика открытых дверей, межрегиональные и межгосударственные отношения, национальный интерес, достижения внешней политики*

*В данной статье говорится о достижениях внешней политики Республики Таджикистан после обретения государственной независимости. Отмечается, что Республика Таджикистан на современном этапе проводит политику открытых дверей со странами мира и в стратегии развития.*

*Взаимовыгодное сотрудничество является объективным процессом интеграционных связей между странами, и Республика Таджикистан ведёт активную работу, в результате которой двусторонние и многосторонние взаимоотношения имеют тенденцию к постоянному возрастанию и активизации.*

**_Principal Streanlines of Foreign Policy of Tajikistan Republic at the Contemporary Stage_**

***Keywords:*** *foreign policy, geopolitical status, open doors policy, interregional and interstatal relations, national interest, achievements of foreign policy*

*The article dwells on the achievements of foreign policy in Tajikistan Republic after it obtained national independence. The author marks that Tajikistan Republic pursues open doors policy along the world countries at the contemporary stage, the strategy of development being included as well. Mutually profitable collaboration is an objective process of integrational ties between the countries and the Republic of Tajikistan conduits an active work entailing bilateral and multilateral interrelations which tend towards constant increase and intensification.*

***Роҷеъ ба муаллиф:***

***Алимов Ботурҷон Ҳомидович,*** *н.и.т.,дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Хуҷанд),* ***e-mail****:alimovb@rambler.ru*

***Сведения об авторе:***

***Алимов Ботуржон Хомидович,*** *кандидат исторических наук, доцент, заведующий кафедрой международных отношений Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Республика Таджикистан, г. Худжанд),*
***e-mail****:alimovb@rambler.ru*

***Information about the author:***

***Alimov Batur Homidovich,*** *chief of the department of international relations under the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan Republic, Khudjand),*
***e-mail****:alimovb@rambler.ru*